## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2019

*Дар давоми моҳҳои январ-декабри соли 2019 вазъи молиявии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) нисбатан беҳтар гардида, аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ талаботҳои муқарраршударо иҷро намуданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи чоруми соли 2019 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ ба 21,4 фоиз (К1-1) баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 9,4 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.

**Пардохтпазирӣ.** Нишондиҳандаи дигари муҳими устувории молиявӣ-меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом низ ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 67,4 фоизро ташкил намуд. Дар ин давра афзоиши пешниҳоди қарз ба иқтисодиёт боиси ба андозаи 7,3 б.ф. коҳиш ёфтани дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои низоми бонкӣ гардид.

Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 64,3 фоиз расид.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ, вобаста ба идоракунии самараноки дороиҳо, кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ ва афзудани даромади фоизӣ, фаъолияти низоми бонкӣ мусбат ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо 2,1 фоиз ва сармоя 7,7 фоизро ташкил намуданд, ки дар қиёс ба соли қаблӣ мутаносибан ба андозаи 0,2 б.ф. ва 0,7 б.ф. зиёд мебошанд.

*Диаграмма 1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




*Диаграмма 2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




*Диаграмма 3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*



Тадриҷан раванди афзоиши даромадҳои фоизии низоми бонкӣ дар ин давра ба андозаи 1,4 фоиз ва ҳиссаи онҳо дар таркиби даромади умумӣ вусъат ёфтани миёнаравии молиявӣ ва раванди қарздиҳӣ дар иқтисодиётро собит менамояд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар баробари ин, бинобар идома ёфтани татбиқи чораҳо ҷиҳати беҳтар намудани сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 5,4 б.ф. коҳиш ёфта, 26,1 фоизро ташкил дод.

Дар соли 2019 нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол, вобаста ба коҳишёбии ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ, дар муқоиса ба соли 2018 ба андозаи 4,3 б.ф., ба 75,4 фоиз баробар гардид.

**Хавфи асъорӣ.** Дар ҷамъбасти соли 2019 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, андозаи он -1,7 фоиз ба меъёри муқарраршуда (К6-1) муносиб мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ 50,5 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳои асъорӣ ва 46,6 фоизи пасандозҳоро пасандозҳои асъорӣ ташкил доданд, ки нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан ба андозаи 6,7 б.ф. ва 4,4 б.ф раванди камшавиро дорад. Тамоюли поёнравии ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар солҳои охир аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба пули миллиро шаҳодат медиҳад.

*Диаграмма 4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*Диаграмма 5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Таҳлилҳо дар асоси маълумоти оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*